Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-003-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, к. Буни Ҳисорак, шаҳраки донишдчён, бинои таълимии 7)

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ – номзади илмҳои иқтисодӣ, Сардори Сарраёсати назорати андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Халифазода Саидаҳтам ба диссертатсияи Раҷабов Тоҷиддин Сангиматович дар мавзуи «Самтҳои асосӣ ва роҳҳои танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самтҳои илм.** Диссертатсия ба талаботи бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси Молия - 6D050900 (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз), мувофиқат мекунад: банди 2. Молияи давлатӣ, ҳудудӣ ва маҳаллӣ, зербандҳои: 2.4. Пешгӯӣ ва банақшагирии буҷетию андозӣ дар иқтисоди бозорӣ; 2.5. Танзими андозии бахшҳои иқтисодиёт; 2.6. Назарияи бунёди системаи буҷетию андозӣ; 2.9. Асосҳои назариявӣ, афзалиятҳои сиёсати андозӣ ва самтҳои асосии ислоҳоти низоми андозӣ; 2.16. Сиёсати буҷетию андозии давлат дар иқтисоди бозорӣ; 2.20. Шаклдигаркунии низоми буҷетию андозӣ дар марҳилаҳои гуногуни рушди иқтисодиёт: фишангҳо ва амсилаҳои мутобиқсозӣ; 3.14. Назария, методология ва консепсияҳои бунёдии андозбандии субъектҳои хоҷагидор; 3.16. Мониторинги саҳми андозии субъектҳои хоҷагидор; 3.17. Таҳқиқоти вобастагии байни нарх ва андозбандӣ; 3.19. Назарияи қабули қарорҳо ва методҳои идоракунии хавфҳои молиявӣ ва андозӣ; 3.30. Баҳисобгирии андоз ҳамчун унсури андозбандӣ.

**Мубрамияти мавзуи диссертатсия.** Дар шароити бозор вазифа, масъулият ва ҷавобгарии давлат боз ҳам васеътару зиёдтар мегардад. Давлат вазифадор аст, ки таносуби мувофиқи шаклҳои гуногуни моликият ва қоидаву қонунҳои рафтори субъектҳои моликиятро дар бозор муайян намуда, танзими иқтисодиётро вобаста ба давраҳои силсилаи иқтисодӣ ва кафолати ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон новобаста аз доираи шуғл таъмин намояд. Ин амалиёт водор менамояд, ки давлат ба сифати субъекти иқтисод баромад кунад ва барои амалӣ кардани масрафоти мазкур манбаҳои муайяни молиявӣ дар ихтиёр дошта бошад. Муносибатҳои буҷетӣ ифодакунандаи хусусиятҳои гуногун

буда, ҳамчун натиҷаи сиёсати фискалӣ, ки ифодагари воридотҳои андозию ғайриандозӣ мебошад. Пардохти андозҳо аз ҷониби андозсупорандагон дар давраҳои андозӣ сурат гирифта, заминаи таъминоти молиявии кишварро амалӣ мегардонад.

Аз ин рӯ, самаранокии кори ҳар субъекти хоҷагидор, бевосита бо сатҳи такмили гаронии андоз дар заминаи ҷамъоварӣ ва коркарди маълумоти молиявӣ ва андозбандӣ иртибот дорад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ баҳисобгирӣ ва идоракунии ҳаҷми андозҳои ҳисобшуда ва пардохтшавандаи корхона, ҳисоби гаронии андоз, сарбории андоз зарурати воқеӣ мебошанд.

Танзими гаронии андоз ва ҳисобкунии нишондиҳандаҳои он имкон медиҳанд, ки сатҳи таъсири сарбории андоз ба субъекти хоҷагидор пурратар омӯхта шавад. Вақте ки тамоюли коҳишёбии нишондиҳандаи гаронии андоз мушоҳида мешавад, ин аз самарнокии банақшагирӣ ва идоракунии андозбандӣ дарак медиҳад. Бояд гуфт, ки маҳз нишондиҳандаи гаронии андоз фарогири омилу унсурҳои сиёсати ҳисобдорию шартномавӣ ва имтиёзоти андоз мебошад. Бинобар ин нишондиҳандаи гаронии андозро ба низоми нишондиҳандаҳое мансуб бояд донист, ки вазъи молиявии субъекти хоҷагидорро нишон медиҳанд ва дар асоси ҳамин нишондиҳанда самаранокии раванди банақшагирии андозиро ҳисоб кардан мумкин аст.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.**

Дар таҳқиқоти диссерататсионӣ Раҷабов Т.С. навгониҳои илмӣ тавассути гузаронидани таҳлилу таҳқиқ бо усулҳои гуногун ва кифоягии ҳаҷми маводҳои оморӣ ба даст омада, дар интишороти муаллифии ӯ инъикос гаштаанд. Натиҷаҳои муҳимтарини тадқиқот аз инҳо иборат аст:

1. Дар асоси омӯзиши таҳаввулоти назариявии гаронии андозҳо маълум гардид, ки нисбати истилоҳи мазкур назари ягона вуҷуд надорад. Таърифи муаллиф ин аст, ки гаронии андоз дар сатҳи субъектҳои хоҷагидорӣ ҳамчун нишондиҳандаи нисбӣ ҳисоб карда мешавад, ки ҳиссаи андозҳои ҳисобшударо дар даромади умумӣ тавсиф мекунад;

2. Бартарӣ ва нуқсонҳои усулҳои ҳисоб кардани гаронии андозро омухта, методикаи муалифии худро барои ҳисоб намудани гаронии андоз пешниҳод намудем, ки ҳолати воқеии ҳисоб намудани гаронии андозро то дараҷаи муайян инъикос менамояд;

3. Таҷрибаи ҷаҳонии андозбандӣ аз нуқтаи назари танзими гаронии андоз таҳлил карда, механизмҳо ва воситаҳои нави муносибатҳои байни андозсупорандагон ва мақомоти андоз муайян карда шуда, истифодаи таҷрибаи Федератсияи Россияро дар муносиб гардонидани он ба низоми миллии андоз мебояд ба таври васеъ истифода бурд;

4. Масъалаҳои танзими гаронии андоз аз нуктаи назари муносибатҳои институтсионалӣ муайян гардидааст, ки мақомоти андози ҶТ ҳамчун мақоми ваколатдор, баҳри назорати воридотҳои андозӣ ба буҷет ба ҳисоб рафта, якчанд маротиба ислоҳотҳои андозиро баҳри коҳиш ва муътадил нигоҳ доштани гаронии андоз гузаронидааст;

5. Ҳолати сатҳи гарониии андозро дар ҷумҳурӣ вобаста ба нишондиҳандаҳои иқтисодӣ муайян карда шудааст ва яке аз роҳҳои коҳишдиҳии гаронии андозро дар имтиёзҳои андозии хусусияти инфиродидоштае мебинем, ки сатҳи гаронии андозро ба эътидол медароранд ва шахсро аз пардохт кардани андоз қисман ва ё пурра озод менамоянд;

6. Модели эконометрикии коэффитсиентҳои таносуби ҷуфтшуда таҳия шудааст, ки таъсири даромадҳои андозро аз нишондиҳандаҳои иқтисодӣ нишон медиҳад, дурнамои даромадҳои андоз, ММД ба сари аҳолӣ, буҷети давлатӣ, гаронии андоз ба сари аҳолӣ, гарониии андоз ба сари андозсупорандагон таҳия шудааст ва барои танзими гаронии андоз дар ҶТ тавсияҳо пешниҳод шудаанд.

**Сохтори диссертатсия ва мазмуну мундариҷаи он.** Сохтор ва мундариҷаи диссертатсияи тақризшаванда бо мазмуну муҳтавои таҳқиқоти анҷом додашуда алоқаманд буда, ба талаботҳои “Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия”, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, баррасии натиҷаҳо, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми умумии кор 194 саҳифаи матни компютериро дарбар гирифтааст.

Дар сарсухан муҳиммияти мавзуи таҳқиқотӣ, сатҳи омӯзиши баҳогузории масъалаҳо, муайянкунии мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои амалии бадастомада мухтасар инъиқос ёфтаанд, [с.4-13].

**Дар боби аввал «Асосҳои назариявию методии танзими гаронии андоз»** таҳаввулоти назариявии танзими гаронии андоз, асосҳои методии танзими гаронии андоз ва таҷрибаи хориҷӣ дар танзими гаронии андоз мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. [с.14-65].

Нуктаҳои муҳимтарини боби якумро чунин арзёбӣ намудан мумкин аст. Унвонҷӯ диққати махсусро ҳангоми таҳлили таҳаввулотҳои назариявии танзими гаронии андоз ба таълифотҳои мактабҳои гуногуни иқтисодӣ, аз ҷумла: мактаби класикӣ, мактаби мерканелистӣ, мактаби сотсиалистии утопӣ, мактаби марксистӣ, мактаби кейнсионӣ, мактаби неокейнсонӣ ва ғайра мавриди таҳлил қарор дода, фикру ақидаҳои худро роҷеъ ба таълифотҳои мазкур ба таври зарурӣ баён намудааст.

Ба ақидаи муаллиф, мушкилоти гаронии андоз ҳангоми барасии масъалаи банақшагирии андоз боз ҳам мураккабтар мегардад. Дурнамои рушди иқтисодии давлатро асосан сатҳи гаронии андоз муайян мекунад. Афзоиши хароҷоти давлатӣ (барои идоранамой, мудофиа, ҳалли барномаҳои иҷтимоӣ ва ғ.), боиси зиёд гардидани дарёфти сарчашмаҳои нави даромад ва инчунин баланд гардидани сатҳи гаронии андоз дар кишвар мегардад. Аз ин лиҳоз, барои таҳқиқу шарҳи мафҳуми гаронии андоз ва танзими андоз дар ба нақшагирии андоз, сараввал ба назарияҳои гаронии андоз, рӯ овардааст. [с.15-16].

Маврид ба ёдоварист, ки меъёри баланди андозҳо то андозае пардохткунандагонро дур месозад. Унвонҷӯ аз "Рисола оиди андозҳо ва боҷҳо" У. В.Петти (1623-1687) овардааст, ки бисту панҷ қисми ҳамаи даромадҳое, ки аз ҳисоби замин ва меҳнат ба миён меояд, бояд он ҳиссаеро ташкил диҳад, ки барои қонеъ кардани ниёзҳои давлатӣ ҷудо ва истифода шавад. Яъне тавасути андозҳо заминаҳои молиявии давлат ғанӣ мегардад ва шароит фароҳам оварда мешавад, ки соҳаҳои афзалиятноки давлат ботадриҷ рушд намоянд. [с.26].

Яке аз нуктаҳои муҳиме, ки дисертант қайд менамояд ин аст, ки гаронии андоз ҳамчун нишондиҳандае мебояд баромад намояд, ки андозсупоранда дар ширкат вазнинии андозро бо тартиби таносуби байни пардохтҳои андоз аз ҳисоби корхона нисбат ба арзиши маҳсулот ё маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ҳисоб намояд. [с.28].

Ҳангоми баррасии асосшои методии танзими гаронии андоз муалиф аз он нигарон аст, ки бо сабаби мавҷуд набудани дастгоҳи консептуалии ифодакунандаи мафҳуми «гаронии андоз», аз ҷониби муалифон таърифҳои гуногун ба вуҷуд омадааст. Ҳангоми таърифи «гаронии андоз», мафҳумҳои «вазнинии андоз», «фишори андоз», хеле зиёд истифода мешаванд.

Ҳамзамон қайд менамояд, ки дар айни замон таърифи шабеҳи ин истилоҳ вуҷуд надорад. Он ҳам ҳамчун «ченаки маҳдудиятҳои иқтисодӣ, ки аз ҳисоби тарҳ кардани маблағҳо барои пардохти андозҳо ба вуҷуд омадааст» арзёбӣ гардидааст. Яъне ҳамчун «...маҷмуи андозҳо, боҷҳо ва дигар пардохтҳое, ки шабеҳ ба пардохтҳои андозӣ, боҷҳоянд, ки бо ифодаи пулӣ ҳисоб карда шудаанд ва ҳамчун уҳдадории пардохтӣ тибқи қонунгузории амалкунанда ба зиммаи андозсупоранда вобаста ба иҷрои маблағҳои мушаххас – амалиёти тиҷоратӣ ва ё дигар амалҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ аҳаммиятдошта, ки аз рӯйи мавҷудият, амалӣ гаштани онҳо, ягонагӣ ва алоқамандии онҳо, ки боиси пардохти андозҳо дар давраи андоз ба буҷет бечунучаро, бебозгашт ва бебодош пардохт мегардад, ҳисобида мешавад».[с. 31-32].

Муаллиф тафсири мафҳумҳои «вазнинӣ», «гаронӣ», «зулм» ва «сахтӣ»

дар ҷадвали 1.2.1. бо истифода аз луғатҳои иқтисодӣ дуруст анҷом додааст.

Ҷиҳати муайян намудани таносуби афзоиши гаронии андоз ва ҳаҷми андозҳое, ба хазинаи давлат ворид мешаванд, бо истифода аз каҷхатаи Лаффер пешниҳоди мубрам намуда, қайд менамояд, ки истифодаи каҷхатаи Лаффер имкон медиҳад, афзоиши даромади буҷет на бо роҳи зиёд кардани гаронии андоз нисбат ба истеҳсолкунандагон, балки тавассути афзоиши истеҳсолот ва васеъ намудани манбаҳои андозбанди амалӣ гардонида мешавад. Дар айни замон, каҷхатаи Лаффер танҳо вобастагии муқарраршударо нишон медиҳад, аммо дар бораи миқдори ҳадди аксар иҷозатдодашудаи бозпас гирифтани андоз ба буҷаи кишвар тасаввуроти равшан нест». [с.37-38].

Дисертант дар рисолаи илмӣ таълифоти Буличева Т.В.-ро овардааст, ки «...агар гаронии андоз ба дӯши андозсупоранда зиёд шавад, шумораи андозҳо бо тадриҷ зиёд гардида, ҳамзамон ба болоравии меъёри андоз ва бекор гардидани имтиёзҳои андоз оварда мерасонад». Ба талифоти Буличева Т.В. унвонҷӯ илова намуда қайд менамояд, ки «...дар аввал мо самаранокии низоми андозро мушоҳида мекунем ва баъдан ба тадриҷ ба кам гардидани он оварда мерасонад. Дар натиҷа ба хисорот ва ҷубронпулиҳо дар буҷет ба вуҷуд омада. як қисми андозсупорандагон муфлис мешаванд ва қисми дигар маҷбур мегарданд, ки истеҳсолоти худро кам намоянд. Умуман роҳҳои гуногуни кам кардани ҳаҷми андозҳои пардохтшавандаро ба ҳадди ақал меҷӯянд. Аммо, бояд қайд намуд, ки баҳри барқарор намудани самаранокии истеҳсолот солҳои зиёде лозим аст».[с.50-51].

Зимни барраси боби мазкур, унвонҷӯ ба чунин хулоса омадааст, ки олимон нишондиҳандаи гаронии андозро дар сатҳи кишвар ва корхона таҳлил менамоянд. Маврид ба қайд аст, ки нишондиҳандаи гаронии андоз дар сатҳи давлат таносуби маблағи андозҳое, ки дар кишвар пардохта мешавад ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ мебошад. Чунин тартиб имкон имкон медиҳад, ки маҳдудиятҳоеро муайян намоем, ки берун аз он давлат амалеро наандешад, яъне муайян намудани номгӯи андозҳо, тағйир додани меъёрҳои андоз ва бекор кардани имтиёзҳои андоз ва амсоли инҳо, набояд аз ҳад зиёд гузарад.

**Дар боби дуюм «Ҳолати муосир ва асосҳои институтсионалии танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** мавриди таҳлил қарор дода ба паҳлуҳои ҳолати муосири танзми гаронии андоз, асосҳои иститутсионалии танзими гаронии андоз ва мушкилотҳои танзими гаронии андоз диққати махсус додааст.[с.67-121].

Таҳқиқу таҳлилҳо нишон доданд, ки дар боби мазкур дар ҳақиқат масоили дар боло зикршуда бо пуррагӣ баррасӣ гардидаанд ва навгониҳое, ки муаллиф ба ин боб нисбат медиҳад дар матни зербобҳои ҳамин боб ҷой доранд.

Яке аз натиҷаҳои арзишманди ин боб дар он зоҳир мегардад, ки марҳилаҳои ташакули низоми милли андозро дар замони истиқлолият бо татбиқи пайдарҳамии чорабиниҳои ташкили танзими низоми андоз рӯйи кор овардааст ва қайд менамояд, ки муҳимтарин қадам дар бунёди низоми муосири андоз ин қабули Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1998, ки вобаста ба таҷрибаи кишварҳои пешрафта таҳия шуда буд, мебошад. Назария ва амалияи андозбандӣ ба ислоҳоти низоми мавҷудаи андоз ва бартараф намудани зиддиятҳои байни қонунҳои ҷудогонаи андоз оварда расонидааст, ки инро қадами устувор дар бунёди асосҳои институтсионалӣ метавон номид. [с.69-70].

Нуқтаи муҳиме, ки муаллиф мариди таҳлил қарор додааст ин вазъи кунунии низоми андози миллӣ мебошад, ки таҳлили пурраро тақозо мекунад, аз ҷумлаи он масъалаҳое, ки зери назорати таъсири андозҳои баланд ба равандҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвари мо нигоҳ дошта шуда, зеро сатҳи аз ҳад зиёди андозҳо падидаи манфӣ буда, боиси пастравии истеҳсолот, ҷамъ шудани пасандозҳо, суст шудани самараи меҳнатӣ ва сармоягузорӣ, инчунин ҳолати пинҳон доштани даромад аз ҷониби соҳибкорон ва аҳолӣ ба пинҳон ба афзудани шиддати иҷтимоӣ ва раванди бекурбшавӣ мегардад. [с.71].

Зимни баррасии асосҳои институтсионалии танзим гаронии андоз унвонҷӯ қайд менамояд, ки раванди институтсионалӣ, ин дар шароити ниҳоят мураккаби сиёсию иқтисодӣ, эҳёи давлатдории Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне баъд аз ба даст овардани истиқлолият ба вуқуъ омадааст. Маҳз дар ҳамин давраҳо санадҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи андозбандӣ қабул карда шуданд, ки ба муайян намудани тартиб ва қоидаҳои андозбандӣ, ташаккули манбаъҳои даромади буҷети давлатӣ ва ташаккули мақомоти андоз нигаронида шудаанд, ки дар танзими гаронии андоз қадамҳои аввалин мебошанд. [с.91].

Мушкилотҳои танзими гаронии андозро муайян намуда, роҳҳои баромадан аз онро байён намудааст. Зимни баррасии ин масъала дисертант қайд менамояд, ки аҳаммияти андозбандӣ ва самти сиёсати андоз, омилҳои муайянкунандаи баҳодиҳии самараноки ҷараёни молиявии кишвар мебошанд. Дар омӯзиш ва таҳқиқи сиёсати андоз, мавзӯи аз ҳама муҳимтарин таъсири андозҳо ба субъектҳои муносибатҳои иқтисодӣ мебошад. Зеро мушкилотҳо ифодагари тавонои давлат ҷиҳати муқаррар намудани андозҳо, ки дар он манфиатҳои тарафайн дар раванди буҷет (давлат, андозсупорандагон) ба инобат гирифта мешавад, баррасӣ намудан лозим аст. [с.106-107].

Ҳангоми таҳлили боби мазкур, муаллиф ба чунин хулоса омадааст, ки Мушкилоти танзими гарони андоз дар он мебошад, ки гаронии андоз аз як ҷониб ба манфиати давлат ва аз ҷониби дигар ба манфиати андозсупоранда, ки шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ мебошад, таъсир мерасонад. Аз ин лиҳоз, гаронии андоз

ба он хотир таҳлил мегардад, ки бидуни бунёди низоми муносибкунонии самараноки андоз, рушди иқтисоди миллии кишвар ва умуман давлат ғайриимкон аст.

**Дар боби сеюм «Стратегияи танзими гаронии андоз дар шароити муносибатҳои бозорӣ»** номгузорӣ гардида дар он самтҳои афзалиятноки танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳҳои коҳишдиҳии гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дурнамои сиёсати андоз ва самтҳои паст намудани гаронии андозро мавриди таҳлил қарор гирифтааст. [с.122-177].

Арзёбии ин боби диссертатсия нишон дод, ки кулли масоили дар зербобҳои он овардашуда дар матни он вуҷуд дорад ва ҳамчунин навгониҳои пешниҳоднамудаи муаллиф, ки марбути ҳамин боб ҳастанд дар ҳақиқат дар саҳифаҳои матни боби мазкур мавҷуд ҳастанд. Паҳлуҳои дигари таҳқиқоти мазкур, ки аҳамияти баланди илмӣ доранд, ин таҳияи диаграммаҳо ва ҷадвалҳои оварда шуда мебошанд, ки таҳлили ҳолати имрӯза ва дурнамои нишондиҳандаҳоро ба ҳам мепайвандад.

Ҳангоми таҳлили самтҳои афзалиятноки танзими гаронии андоз дар дисертатсия оварда шудааст, ки масъалаҳои идоракунии давлат, махсусан дар самти танзими гаронии андоз, муайян намудани мазмуну моҳияти гаронии андоз, муқаррар намудани меъёрҳои ҳуқуқии танзими он аҳамияти калон дорад. Мувофиқ ба сиёсати самарабахши молиявӣ, давлатро мебояд, ки танзими муносибатҳои андозиро ҳавасманд гардонанд, зеро онҳо қодиранд иҷрои амалии андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмиро ба ҳамаи сатҳҳои буҷетҳо таъмин намояд.

Ҳамзамон чунин мешуморад, ки қонунгузории андозро тавре руҳандози намудан лозим аст, ки пардохтҳо содаю шаффоф ва осон бошад ва андозсупорандагон аз ҳисоб ва пардохти андозҳо канораҷӯӣ накунанд ва барои онҳо чунин кирдор ғайриқабул ва номуносиб бошад. [с.122].

Нуқтаимуҳиме, ки дар ин зербоби 3.3. унвонҷӯ мавриди омӯзиш қарор додааст, ин таҳлили муқоисавии гаронии андоз мебошад, ки дар расми 3.3.1. моҳирона рӯйи кор овардааст. [с.166].

Хулосаи боби мазкур, ки аз ҷониби муаллиф байён гардидааст чунин аст, ки низоми андозбандӣ дар ҷумҳурӣ ҳанӯз ҳам як андоза мураккаб буда, мебояд зиддиятҳои мавҷударо бартараф намоем, устуворӣ ва тағйирнопазирии андозҳоро таъмин кардан лозим аст. Андозсупоранда бояд дуруст фаҳмад, ки барои чӣ ва чӣ қадар андоз месупорад.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дар хулоса ва пешниҳодҳои кори дисертатсионӣ оварда шудаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Омӯзиши муҳтавои диссертатсия ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи хулосаҳо ва тавсияҳои аз натиҷаи таҳқиқот таҳияшуда нишон медиҳанд, ки онҳо дар асоси манбаъҳои боэътимоди назариявӣ ва амалӣ омода карда шудаанд. Ақидаҳои асосии назариявӣ-методӣ, асосноккунии ҷанбаҳои назариявӣ – методии самтҳо ва роҳҳои танзими гаронии андоз ба рушди низоми андоз тавасути коҳишдиҳии гаронии андоз мебошанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқшуда, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот доир ба мавзуи диссертатсия тасдиқ мегардад. Ҳамин тариқ, хулосаҳои аз натиҷаи диссертатсия таҳияшуда, инчунин тавсияҳои амалии барои рушди низоми андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда бо далелҳои зарурӣ асоснок карда шудаанд. Хулосаҳо фарогири натиҷаҳои илмии таҳқиқот буда, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи маводи таҳқиқӣ омода карда шудаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

**Аҳаммияти илмии таҳқиқот** дар таҳияи муқаррарот ва равишҳои нави назариявӣ оид ба танзими гаронии андоз ва такмили *ҷанбаҳои назариявии* методикаҳои ҳисобкунии он ва идоракунии муносибатҳои андозӣ мегардад. Хулоса ва тавсияҳои таҳияшуда ба такмили ҷанбаҳои назариявию методологии ташкили танзими гаронии андоз мусоидат намуда, самаранокии татбиқи усулҳои ҳисоб намдани гаронии андозро дар кишвар баланд мебардоранд.

**Аҳамияти амалии кори диссертатсионӣ.** Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки асосҳои илмӣ, методологӣ ва амалии танзими гаронии андозро, ки натиҷаи таҳқиқот мебошанд, барои татбиқ дар мақоми ваколатдори давлатӣ (мақомоти андоз) ҳангоми таҳияи санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ қобили истифода мебошанд.

**Аҳамияти иқтисодии кори иҷрошуда.** Истифодабарии натиҷаҳои таҳқиқот, тавсияҳо, чорабиниҳои пешниҳодшуда оиди танзими гаронии андоз тавасути додани имтиёзҳо ва паст намудани меъёри андозҳо омили таъмини устувории нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, рушди соҳибкорӣ, афзоиши истеҳсоли маҳсулот, хизматрасонӣ, корҳои сохтмонӣ ва дар умум рушди иқтисодиёти кишвар мебошад.

**Аҳамияти иҷтимоии таҳқиқот.** Аҳамияти иҷтимоии кори таҳқиқшуда дар паст кардани пардохтҳои андозии аҳолӣ, ки пайи он таҳсиси ҷойҳои кори нав ва ҳалли проблемаи бекорӣ, рушди худмашғулӣ, рушди ҳунарҳои мардуми дар қаламрави кишвар бо кор таъмин намудани занҳои хонашин,

баландбардоштани даромади мардум ва сатҳи зиндагӣ зоҳир мегардад. Гуфтаҳои боло самаранокии иҷтимоии корро тасдиқ менамоnd

Унвонҷӯ татбиқи амалии натиҷаҳои таҳқиқоти худро дар бобҳо ва параграфҳои алоҳида мавриди баррасӣ ва арзёбӣ қарор додааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Аз ҷониби унвонҷӯ мақолаҳои илмӣ ифшо гардида, дар маҷалаҳои илмӣ ва маҷмуаи конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба нашр расида, мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Дар доираи мавзуи диссртатсионӣ 14 мақолаи илмӣ дар умум 9,88 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 5,88 ҷузъи чопӣ аз муаллиф) иборат мебошад, ки аз он 5-то дар маҷаллаҳои пешбари илмӣ, ки аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, нашр гардидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсия таҳқиқоти илмии баанҷомрасида буда, сохтор ва муҳтавои он ба талабот барои додани дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, омода намудани диссертатсия, ташхиси диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва дигар талаботи дар «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) муайяншуда ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсия ба талаботҳои «Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» аз 30 июни соли 2021, № 267, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ҷавобгӯй мебошад.

Диссертатсия сохтори мантиқан мукаммал дошта, натиљањои бадастовардаи муаллиф арзиши илмӣ доранд ва метавонанд дар такомули низоми андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ истифода бурда шаванд. Рисола бо забони возеҳ навишта шудааст, бо истифода аз истилоҳоти қабулшуда ва тартиботи муайянгардида навишта шудааст, киислоҳотро талаб намекунад. Мақолаҳои доир ба мавзуи диссертатсия нашркардаи муаллиф паҳлуҳои асосии таҳқиқотро инъикос мекунанд. Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобид.

Автореферат ва мақолаҳои чопшудаи довталаб ба мазмуни рисола комилан мувофиқат мекунанд. Ҷанбаҳои муҳими мундариҷаи асар дар автореферат инъикос ёфтаанд.

**Эрод ва тавсияҳо доир ба диссертатсия.**

Дар баробари бартариҳо дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд ки вобаста ба онҳо баъзе эродҳоро ба довталаби дараҷаи илмӣ манзур менамоем:

1. Аҳамияти илмии таҳқиқот бозҳам беҳтар мешуд, агар муаллиф дар баррасии асосҳои назариявию методии кори дисертатсионӣ асарҳои илмӣ ва таҳқиқоти дигар муҳақиқони тоҷикро, ки дар самти танзими андозӣ таҳқиқот

анҷом додаанд ва асарҳои онҳо дар рӯйхати адабиёт мушоҳида намешаванд ба мади назар гирифт.

2. Таърифҳо ва консепсияҳои муаллифони мухталифи соҳаи иқтисодиёт, ки унвонҷӯ онҳоро барои арзёбӣ аз нуқтаи назари илмӣ дар таҳқиқоташ ҷой додааст, бояд ҳаматарафа таҳлил карда мешуданд.

3. Муаллиф барои ҳисоб намудани гаронии андоз усулҳои мушахас пешниҳод кардааст. Ба манфиати кор мебуд, агар ӯ дигар усулҳои ҳисобкунии гаронии андозро таҳлил намуда, ақидаи худро оид ба имконияти корбурди онҳо пешниҳод мекард.

4. Дар расим 2.3.1. – Нақши нишондиҳандаҳои гаронии андоз дар ҷанбаҳои гуногун оварда шуда, вале ба таври возеҳ шаҳр дода нашудааст.[с.109-110].

5. Агар муаллиф дар баробари пешниҳо роҷеъ ба танзими гаронии андоз аз нуқтаи назари амнияти молиявӣ дар боби 3, зербоби 3.3. элементҳои асосии онро ба таври возеҳ шарҳ медод хубтар мешуд. [с.168].

Эроду дархостҳои пешниҳодшуда сатҳи назариявию амалии таҳқиқоти диссертатсионии Раҷабов Тоҷиддин Сангиматовичро коҳиш намедиҳанд, чунки баъзе аз онҳо баҳсталаб ва баъзеи дигараш тавсиявӣ мебошанд.

**Хулоса.** Диссертатсияи Раҷабов Тоҷиддин Сангиматович дар мавзуи «Самтҳои асосӣ ва роҳҳои танзими гаронии андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) дар сатҳи зарурӣ омода гардида, ба меъёрҳои муқаррарнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси номбурда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**

**номзади илмҳои иқтисодӣ, Сардори Сарраёсати назорати андозии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Халифазода С.**

***Имзои н.и.и., Сардори Сарраёсати назорати андозии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Халифазода С..-ро тасдиқ менамоям:***

**Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Каримзода Ф.**

*Сардори Сарраёсати назорати андозии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.* ***Суроға**: 774018, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Неъмат Қарабоев 42/2,* ***Телефон:** 985 03 03 27.*

***E-mail: S**aidahtam_76@mail.ru*

*Сана: 02.08.2024*